***УДК 331.1***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-4-131-137***

***ОИД БА УСУЛҲОИ АРЗЁБИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА***

***Фаёзова Маҳбуба Абдунасимовна,*** *сармуаллимаи кафедраи назарияи иқтисод Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***О МЕТОДИКЕ ОЦЕНКИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В ЭКОНОМИКЕ РЕГИОНА***

***Фаёзова Махбуба Абдунасимовна,*** *старший преподаватель Института экономики и торговли ТГУК в Худжанде (Худжанд, Таджикистан)*

***ON THE METHODOLOGY OF HUMAN CAPITAL ASSESSMENT IN THE REGIONAL ECONOMY***

***Fayozova Mahbuba Abdunasimovna,*** *senior lecturer of the Institute of economics and trade under the TSUC in Khujand city (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *fayozovnasrullo@gmail.com*

*Аҳаммияти арзёбии сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақа ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Методикаи арзёбӣ пешниҳод гардидааст, ки ба низомбандии равишҳо ва таснифи мавҷуда асос ёфтааст. Навъҳои сармояи инсонӣ вобаста ба хусусиятҳои минтақавӣ таҳлил шудаанд, инчунин намудҳои сармоя, ки ба сатҳ ва сохтори иқтидори инсонӣ таъсир мерасонанд, тавсиф ёфтаанд. Усулҳои арзёбии дар адабиёти илмӣ истифодашаванда низомбанди шуда, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии татбиқшаванда зикр гардидаанд. Ба имкони мутобиқсозии методҳо ба шароити гуногуни минтақавӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот мумкин аст дар таҳияи стратегияҳои рушди минтақаҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сармояи инсонӣ, минтақа, методика арзёбӣ, нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ, стратегияи рушди сармояи инсонӣ*

*Рассматривается значение оценки человеческого капитала на уровне региона как одного из ключевых факторов социально-экономического развития. Представлена методика оценки, основанная на систематизации существующих подходов и классификаций. Проведена типология человеческого капитала в зависимости от территориальной специфики, а также дана характеристика видов капитала, влияющих на уровень и структуру человеческого потенциала. Систематизированы методы оценки, используемые в научной литературе, с указанием применяемых количественных и качественных показателей. Особое внимание уделено возможности адаптации методик к различным региональным условиям. Результаты исследования могут быть использованы для формирования стратегии развития территорий и принятия управленческих решений, направленных на повышение эффективности использования человеческого капитала.*

***Ключевые слова:*** *человеческий капитал, регион, методика оценка, показатели оценки, стратегия развития человеческого капитала*

*This article examines the importance of assessing human capital at the regional level as one of the key factors of socio-economic development. An assessment methodology is presented, based on the systematization of existing approaches and classifications. Types of human capital are analyzed depending on regional characteristics, and various forms of capital influencing the level and structure of human potential are described. The assessment methods used in scientific literature are systematized, with an emphasis on applicable quantitative and qualitative indicators. Special attention is given to the adaptability of methodologies to different regional contexts. The research results can be used for developing regional development strategies and making managerial decisions aimed at improving the efficiency of human capital utilization.*

***Key-words:*** *human capital, region, methodology of assessment, indicators of human capital, strategy of development of human capital*

Айни ҳол сатҳи рушди минтақа ва давлат дар умум на танҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, балки аз рӯи сатҳи рушди сармояи инсонӣ низ арзёбӣ карда мешавад. Дар шароити муосир дар сатҳи иқтисодиёти минтақаи алоҳида сармояи инсонӣ ҳам мақсад ва ҳам омили таъмини рушди иқтисод маҳсуб меёбад. Ташаккулёбии сармояи инсонӣ бо ташкили он, нигоҳдорӣ, арзёбии хароҷот барои таҳсил, баланд бардоштани сатҳи касбӣ, ташкили шароити меҳнат, амалигардонии сиёсати ҳавасмандкунӣ ва дигар марҳилаҳо алоқаманд мебошад. Барои таҳияи сиёсати минтақавӣ асосноккунии чорабиниҳо оид ба такрористеҳсол, андӯхт ва рушди сармояи инсонӣ аҳаммияти хоса дорад, ки ба ҳайси асоси таҳияи қарорҳои идоравӣ дар соҳаи идоракунии сармояи инсонӣ ва таъмини рушди он дар минтақа хидмат менамояд. Асосноккунии мазкурро танҳо дар заминаи арзёбии миқдории сармояи инсонӣ ва ҳиссаи он дар рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа ба роҳ мондан мумкин аст, ки мубрамияти коркарди методикаи муайяни арзёбиро нишон медиҳад.

Сармояи инсонӣ дар низоми муносибатҳои бозорӣ ҳамчун шакли инъикоскунандаи иқтидори инсонӣ барои дарки ҳамаҷонибаи нақш ва мавқеи инсон дар низоми иқтисодиву ҷамъиятӣ, инчунин муайян намудани сатҳи даромаднокии сармояи инсонӣ имконият медиҳад. Аз ин лиҳоз ворид намудани тасҳеҳ ба мундариҷаи сармояи инсонӣ дар радифи ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ қадами зарурӣ ва мантиқӣ мебошад. Сармояи инсонӣ ба сифати унсури асосии ҷараёни такрористеҳсол ва омили калидии рушди иқтисодӣ, шакли инъикоси қувваи истеҳсолот дар шароити рушди инноватсионӣ баромад мекунад. [1, с. 14].

Масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои ташаккул, истифода ва рушди сармояи инсонӣ, дарки возеҳи моҳияти ин категория, усулҳои дурусти арзёбӣ, равандҳои дақиқи бомулоҳизаро дар ҳалли ин масъала талаб мекунанд. Дар ин бора олимони ватанӣ чунин қайд кардаанд: “... Омили асосии фаъолнокии инноватсионӣ рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз дониш, малака, истеъдод ва неруи зеҳнии инсон қодир аст, ки инноватсияро офарад, на мошинаву дастгоҳҳо ва умуман фондҳои асосӣ ва технологияҳо. Маҳз инсон ба офаридани ғояҳои нав, мукаммал намудани технологияҳо ва инноватсияҳо поя мегузорад. Бинобар ин, барои тақвият бахшидан ба фаъолнокии инноватсионии субъектони хоҷагидорӣ ва, умуман, иқтисодиёти миллӣ зарур аст, ки ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ дар ҳамаи сатҳҳои иқтисоди миллӣ диққати ҷиддӣ зоҳир шавад.” [2, с.119].

Шарҳи сармояи инсонӣ, номгӯи усулҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии он аз сатҳи гурӯҳбандии силсилаи ҳудудӣ вобастагӣ дорад, ки мутобиқи он сармояи инсонии глобалӣ, миллӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ ва ғайраро ҷудо менамоянд (расми 1). Дар ин ҷода, асоси сармояи инсонии ҳар як сатҳи гурӯҳбандӣ сармояи инсонии инфиродӣ ба шумор меравад. Усулҳои андозагирии он низ вобаста ба сатҳи гурӯҳбандӣ тасниф карда мешаванд ва маҷмуи муайяни нишондиҳандаҳои махсусро талаб менамоянд.

***Расми 1. Сатҳҳои гурӯҳбандии сармояи инсонӣ***




Бояд тазаккур дод, ки айни ҳол барои арзёбии объективии сармояи инсонӣ дар миқёси минтақа нишондиҳандаи ягона вуҷуд надорад. Дар навбати аввал, ин бо набудани ақидаи ягона нисбати шарҳи мафҳумҳои “сармояи инсонӣ”, “сармояи инсонии ҳудудӣ” ва “сармояи инсонии минтақавӣ” алоқаманд мебошад. Дар ин хусус олимони рус чунин мулоҳизаронӣ кардаанд: “Боиси таъкид аст, ки иқтидори сармояи инсонии давлатӣ аз ҳолати кор дар минтақаҳо бевосита муайян мегардад ва аз муътадилӣ ва самаранокии низоми иқтисодиву иҷтимоии маҳалҳо вобаста аст. Дар навбати худ сармояи инсонии минтақа чун маҷмуи аҳолии дар ҳудудҳои муайян ҷойгиршудаи дорои мушаххасоти муайяни сифатию миқдорӣ ва дар натиҷаи сармоягузорӣ ташаккулёфта дар сохтори иқтидори иҷтимоиву иқтисодии минтақа унсури асосӣ мебошад” [12, с. 72.]. Дар дигар сарчашмаҳо низ он ҳамчун қисми захираи меҳнатие, ки дорои қобилият, дониш, сатҳи баланди илмӣ ва дигар хусусиятҳои сифатии тавассути сармоягузориҳо ташаккул ёфта мебошад ва рушди иқтисодии минтақаро таъмин месозад, шарҳ дода мешавад [4, с. 54.].

Арзёбӣ ва ташхиси сармояи инсониро аз рӯи намудҳои зерини сармоя гузаронидан ба мақсад мувофиқ мебошад: демографӣ, таҳсилотӣ, меҳнатӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

Сармояи демографӣ аз рӯи вазъи захираҳои инсонӣ ва нерӯи такрористеҳсоли аҳолӣ арзёбӣ карда мешавад. Вазъи захираҳои инсонӣ аз сохтори синну сол ва вазъи умумии саломатии аҳолӣ вобастагӣ дорад. Неруи такрористеҳсолии аҳолӣ бо нишондиҳандаҳои дарозумрӣ ва фавти аҳолӣ тавсиф карда мешавад.

Сармояи таҳсилотӣ мавҷудияти захираҳои инсонӣ ва сармояи кадрии силсилаи таҳсилот, натиҷабахшии он ва вазъи фондҳоро тавсиф мекунад. Фарогирии аҳолӣ бо таҳсилоти касбӣ маънои бо донишу малакаҳои зарурӣ мустаҳкам намудани нерӯи инсонӣ мебошад. Аз ин лиҳоз ҷалб намудани захираҳои меҳнатӣ барои касбомӯзӣ, дастрас намудани маълумоти махсуси касбӣ, маълумоти олӣ дар рушди ҷомеа нақши ҳалкунанда дорад. Силсилаи таҳсилот имконияти баланд бардоштани ҷанбаҳои сифатии омодасозии мутахассисонро медиҳад. Дар ин радиф саҳми омӯзгороне, ки дар тайёр намудани кадрҳо бевосита иштирок доранд, бениҳоят баланд аст. Дар асоси арзёбии вазъи фондҳо ва маблағгузориҳои силсилаи таҳсилот шарту шароитҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ тавсиф карда мешаванд.

Сармояи меҳнатӣ аз рӯи вазъи шуғл, сатҳи маълумоти аҳолӣ ва аз рӯи натиҷабахшии фаъолияти меҳнатӣ арзёбӣ карда мешавад.

Нерӯи илмӣ-таҳқиқотии аҳолӣ тавассути сохтори касбӣ ва теъдоди мутахассисоне, ки бо фаъолияти таҳқиқоти илмӣ машғуланд, инчунин фаъолнокии зеҳнии онҳо, ки барои дастраси

натиҷаҳои назарраси илмӣ, инновастсионӣ мусоидат менамояд арзёбӣ карда мешавад.

Сармояи иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавассути сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, хоҳишҳои истеъмолии он ва таъминнокӣ бо объектҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавсиф дода мешавад.

Маҷмуи усулҳои арзёбии сармояи инсониро дар чор гурӯҳ муттаҳид намудан мумкин аст: сифатӣ, шохисӣ, хароҷотӣ ва даромадӣ. Ҳар як усули номбаршуда номгӯи муайяни нишондиҳандаҳои худро бо дарназардошти мавҷудияти маълумоти оморӣ дар миқёси минтақа дорад. Ҳар як нишондиҳандаи алоҳида дар доираи усулҳои гуногун ҷабҳаҳои хеле камро иҳота менамояд ва сармояи инсонии воқеии минтақаро пурра арзёбӣ карда наметавонад, бинобар ин, нишондиҳандаи алоҳида маҳаки арзёбии объективии сармояи инсонии минтақа эътироф карда намешавад. Дар ҷадвали 1 усулҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақа оварда шудааст.

***Ҷадвали 1. Усулҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақа***

| **Усулҳои арзёбии сармояи инсонӣ** | **Нишондиҳандаҳо** |
|---|---|
| Усули сифатӣ | ➢Сарфаи вақт барои омодакунии кадрҳои баландихтисос, ба ҳисоби миёна (сол);<br>➢Маърифатнокии аҳолӣ;<br>➢Шумораи аҳолии шуғли доимӣ дошта, аз руи сатҳи маълумотнокӣ;<br>➢Шумора ва ҳиссаи муҳаққиқон дар шумораи умумии аҳолӣ ва ё шумораи машғулон;<br>➢Ҷалби аҳолӣ ба сатҳҳои гуногуни таҳсилот;<br>➢Ҳиссаи хароҷот барои таҳсилот, илм, тандурустӣ ва чорабиниҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар маҷмуи маҳсулоти минтақа;<br>➢Фавти кӯдакон;<br>➢Дарозумрии интизорӣ ҳангоми таваллуд. |
| Усули шохисӣ | ➢Шохиси умумии сармояи инсонӣ;<br>➢Шохиси рушди инсонӣ. |
| Усули хароҷотӣ (усули арзёбии кӯшишҳои қаблӣ) | ➢Арзёбии сармоягузориҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ ба захираҳои инсонӣ (асосан маблағгузориҳо ба таҳсилоти расмӣ ва тандурустӣ). |
| Усули даромадӣ (усули арзёбии боздеҳӣ ) | ➢Музди меҳнат (даромадҳои солона дар тули фаъолият) бе назардошти музди талафёфта ва хароҷоти таҳсилот |

Дар доираи усули сифатӣ ба таҳлили шуғли аҳолии доимии минтақа вобаста бо сатҳи маълумот, давраи зарурӣ барои омодакунии кадрҳои баландихтисос, ҳаҷми хароҷот барои таҳсилот, илм, тандурустӣ ва чорабиниҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар арзиши маҷмуи маҳсулоти аҳаммияти хоса дода мешавад. Камбудии усули мазкур пеш аз ҳама бо он мушкилоте, ки бо ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ, инчунин самтияти маҳдуди нишондиҳандаҳои алоҳида алоқаманд аст маънидод мегардад. Аз ин лиҳоз имконияти арзёбии ҳаҷми воқеии сармояи инсонӣ душвор мегардад. Дар баробари ин, маҳакҳои мазкур ҷанбаҳои калидии сармояи инсониро тавсиф медиҳанд ва дар муқоисакуниҳои байниминтақавӣ зоҳир мегарданд.

Нишондиҳандаи дар таҳқиқоти илмӣ маъруфтарин ва ҳамзамон бештар танқидшаванда нишондиҳандаи сарфаи вақт барои омодакунии кадрҳои баландихтисос бо тавссути ташкили ҷараёни таҳсилот (барои тарбияи сармояи инсонӣ) ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки ҳисобкунии нишондиҳандаи мазкур аз ҷониби мақомоти оморӣ пешбинӣ

нашудааст, вале онро дар асоси маълумоти расмӣ оид ба сохтори шуғл дар иқтисодиёти минтақа (аз рӯи сатҳи маълумот: миёнаи нопурра, миёна, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва ғайра) муайян намудан мумкин аст. Ҳангоми арзёбии сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақа чунин камбудиҳоро қайд намудан мумкин аст: якум, тарзи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои мазкур хеле меҳнатталаб мебошад ва вобаста ба фарзияҳо оид ба давомнокии солҳои таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ эҳтимоли ба даст овардани хулосаҳои аз ҳамдигар фарққунанда мавҷуд мебошад. Ҳамзамон, мавҷуд набудани маълумоти муфассал оид ба таснифоти контингенти машғули кор дар иқтисодиёт тибқи сатҳҳои таҳсилоти олӣ (бакалавриат, мутахассис, магистратура, омодсозии кадрҳои тахассусмандии олӣ) боиси роҳ додан ба иштибоҳҳо дар ҷараёни арзёбии нақши сармояи инсонӣ дар минтақа мегардад. Дуюм, истифодаи нишондиҳандаи мазкур имконият намедиҳад, ки то кадом андоза барои афзоиш додани донишу малакаи захираи меҳнатӣ мусоидат намудан ва то кадом андоза ба талаботи бозори меҳнат мутобиқат доштани ҳар як соли омӯзиши иловагӣ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилоти касбӣ ва ё олӣ муайян карда шавад. Албатта, арзёбии чунин ҳолат, ки хело душвор ва баҳснок ҳисобида мешавад, то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Сеюм, давомнокии вақт барои омодакунии кадрҳои баландихтисос хусусиятҳои сифатии раванди тарбияи сармояи инсониро дар минтақаҳои гуногун ба инобат намегирад. Аз ин рӯ он ҳангоми истифода барои муқоисаи байниминтақавӣ хулосаи нодуруст медиҳад.

Ғайр аз ин, арзёбии сармояи инсонӣ дар асоси миқдори миёнаи солҳо барои омӯзиш мутобиқатро ба талаботи воқеии иқтисодиёти минтақа дар сатҳҳо, инчунин ихтисосҳо ва самтҳои омодасозии касбӣ инъикос намекунад.

Арзёбии сармояи инсонӣ бо истифодаи усули шохисӣ васеъ паҳн гаштааст. Дар ин усул нишондиҳандаҳои зерин чун маҳакҳои сатҳи андӯхти сармояи инсонӣ истифода мешаванд: шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ, шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии олии касбӣ, сатҳи таваллудӣ, дарозумрии миёнаи аҳолии минтақа ва ғайра. Ҳамзамон, чун маҳаки самаранокии истифодабарии сармояи инсонӣ нишондиҳандаҳои зерин корбаст мегардад: сатҳи шуғл ва бекорӣ, сохтори соҳавии шуғл, хусусиятҳои касбию тахассусмандӣ, ҳосилнокӣ ва ғайра. Барои арзёбии таъсири сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа чун нишондиҳандаи андӯхти сармояи инсонӣ истифода мешаванд: ҳиссаи хатмкардагони муассисаҳои олии касбӣ дар шумораи аҳолии коршоям, ҳиссаи машғулон дар шумораи аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ва хароҷот барои таҳқиқоти илмиву навовариҳои технологӣ.

Усули шохисии арзёбии сармояи инсонӣ одатан ҳангоми муқоисакунии байниминтақавӣ истифода мешавад. Дар байни онҳо шохиси паҳнгаштатарин ин шохиси рушди инсонӣ мебошад. Шохиси рушди инсонӣ дар сатҳи минтақа дар асоси се нишондиҳанда ҳисоб карда мешавад: дарозумрии интизорӣ, маърифатнокии аҳолӣ, маҷмуи маҳсулоти минтақа.

Барои арзёбии сармояи инсонӣ дар минтақаҳо олимон шохисҳои гуногунро тавсия менамоянд. Яке аз шохисони асосие, ки дар арзёбии сармояи инсонӣ ба инобат гирфта мешавад, шохиси саломатии захираҳои меҳнатӣ мебошад [3, с. 57]. Вақте, ки сухан оид ба шохиси саломатӣ меравад, одатан дар давраи кутоҳмуддат тағйироти вазъи саломатии захираҳои меҳнатӣ дар назар дошта мешавад. Ғайр аз ин дар ин ҷода нишондиҳандаҳо фаъолияти ҷисмонӣ, некӯаҳволӣ, паҳншавии беморӣ дар байни аҳолӣ низ ба инобат гирифта мешавад.

Барои арзёбии унсурҳои демографии захираҳои меҳнатӣ асосан ба усулҳои шохисӣ такя карда мешавад. Бо воситаи онҳо арзёбии унсурҳое, ки вазъи захираҳои инсонӣ ва такрористеҳсоли қувваи кориро тавсиф медиҳанд, имконпазир мегардад. Барои ҳисобкунии шохисҳои мазкур нишондиҳандаҳои афзоиши табиии аҳолӣ, шумораи аҳолии ба синни коршоям нарасида, беморшавии аҳолӣ, дарозумрии интизорӣ, фавтидани аҳолии синни коршоям

истифода мешаванд. Шохиси интегралии сармояи инсонии минтақа низ истифода мешавад, ки қисмҳои таркибии он чунин шохисҳо ба шумор мераванд: шохиси сармояи маълумотнокӣ, шохиси сармояи меҳнатӣ, шохиси сармояи саломатӣ ва сармояи иҷтимоию фарҳангӣ [4, с.55.]. Маҷмуи шохисҳои маълумотнокии сармояи инсонии машғул дар иқтисодиёт ва бекорон бо фоизҳо ифода карда мешавад ва дар шохиси рушди инсонӣ инъикос мегардад. Нишондиҳандаи дигар дарозумрии интизорӣ бошад аз ҳангоми таваллуд то фавт бо солҳо ҳисоб карда мешавад. Барои ҳисобкунии шохиси интегралӣ як қатор маҳакҳо тавсия карда мешавад, ки чунин нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад: зичии аҳолӣ, ҳиссаи аҳолии шаҳр, ҳиссаи аҳолии деҳот, зичии роҳҳои асфалтпӯш, мавҷудияти хатсайри роҳи оҳан, арзиши воқеии миёнасолонаи фондҳои асосии истеҳсолӣ, ҳиссаи содирот дар МММ (маҷмуи маҳсулоти минтақа), ҳиссаи саноат дар МММ, даромадҳои ғайриандозӣ дар буҷетҳо ва ғайраҳо [5., с. 57-58 ].

Арзёбии нишондиҳандаҳои интегралии сармояи инсонӣ дар асоси ҳиссаи кормандон бо маълумоти миёнаи махсус ва олӣ дар шумораи умумии машғулон, шумораи ходимони машғули таҳқиқот ва коркардҳо дар 1000 нафар аҳолӣ, ҳиссаи аҳолии шаҳр, дарозумрии интизорӣ ҳангоми таваллуд, зариби фондҳо, ҳиссаи аҳолӣ бо даромади аз бузургии ҳадди ақал камбуда ба роҳ монда мешавад.

Баробари ба таври васеъ паҳн гаштани усулҳои шохисӣ, сатҳи объективии онҳо мутлақ ҳисобида намешавад. Тибқи ақидаи олими рус Н.М. Римашевская, шохиси рушди инсонӣ ба арзёбии нишондиҳандаҳои миёнаҷумхуриявии захираҳои меҳнатӣ такя менамояд, ки дар натиҷа ба вазъи сармояи инсонӣ дар минтақаҳои алоҳида баҳои дақиқ дода наметавонад [7, с.21.]. Ғайр аз ин, шохиси таҳсилоти расмӣ сифати маҷмуи маҳсулоти минтақаро ифода намекунад. Ҷанбаи якум, дар минтақаҳои алоҳида бо сабабҳои объективӣ сифат ва арзиши таҳсилот гуногун мебошад, ки аз сатҳи некуаҳволӣ, ташкили ҷараёни таҳсилот, мавҷудияти кадрҳои илмӣ педагогӣ вобаста аст. Ҷанбаи дуюм, ҳиссаи минтақаҳо, инчунин соҳаҳои алоҳидаи он дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилаи давлатӣ хело гуногун аст. Ҳамаи ин тафриқаҳо воқеан дар сармояи инсонии минтақа инъикос намегардад. Камбудиҳои мазкур қисман бо истифодаи зарибҳои коҳишдиҳанда дар ҳисобкуниҳо ҷуброн карда мешавад, вале ба инобат гирифтани ҳамаи гуногуншаклии сармояи инсонӣ дар қисмати минтақаи алоҳида ғайриимкон мебошад.

Усулҳои даромадӣ ва хароҷотӣ дар арзёбии арзишии сармояи инсонӣ саҳми босазо доранд. Ғайр аз ин усулҳои мазкур дар муайянкунии меъёрҳои боздеҳ, ба ақидаи мо, имконияти хуб медиҳад. Усули якум баҳисобгирии бевоситаи ҳам самараи коркардҳои якумра, ҳам хароҷоти таҳсилоту омодасозӣ, инчунин даромадҳои дар вақти таҳсил ба даст оварданашударо дар бар мегирад. Усулҳои хароҷотӣ сармояи инсониро аз рӯи маҷмуи сармоягузориҳои ба он равона шуда арзёбӣ менамоянд. Бо дарназардошти мураккабии усул ва мавҷуд набудани маълумоти зарурӣ арзёбӣ бо ифодаи арзишӣ хеле кам вомехӯрад.

Дар умум бояд қайд намуд, ки усулҳои хароҷотӣ имконияти ба инобат гирифтани хароҷотҳои номуайян барои сармояи инсонӣ, хӯрдашавии маънавии сармояи инсонӣ, инчунин имконияти гузаронидани таҳлили муқоисавӣ дар динамикаро (дар шароити ноустувории нарх) намедиҳад. Усулҳои арзишии ченкунии сармояи инсонӣ сатҳи баланди тафсилдиҳии параметрҳои ибтидоиро пешбинӣ менамояд. Аз як тараф ин самаранокии онҳоро нишон медиҳад, вале, аз тарафи дигар истифодабарии маълумоти омории васеъ ва эътимоднокро талаб менамояд. Дар ҳолати маҳдудиятҳо дар дастрасии маълумот истифодабарии усулҳои мазкур душвор мегардад.

Таҳқиқи методикаи арзёбии сармояи инсонии минтақа нишон медиҳад, ки сарфи назар аз гуногуншаклии усулҳои истифодашаванда, ҳар яке онҳо вобаста ба мақсадҳои мушаххаси муҳаққиқ истифода мешавад ва ин ё он ҷанбаҳои назаррасро баррасӣ карда

наметавонад. Ҳолати мазкур бештар бо мураккабӣ ва баъзан ғайриимкон гаштани арзёбии миқдории унсурҳои сармояи инсонӣ дар миқёси минтақа шарҳ дода мешавад. Ҳамзамон, омили монеакунанда дар самти арзёбии сармояи инсонӣ масъалаи ҷамъоварӣ, коркард ва баҳисобгирии маълумотҳои зарурӣ ба шумор меравад.

Дар асоси омӯзиши методикаҳои гуногуни арзёбии сармояи инсонӣ чунин хулосаҳоро иброз менамоем: якум, пеш аз интихоби ин ё он услуби арзёбӣ муайян намудани хусусиятҳои хоси ташаккули иқтидори инсонӣ дар минтақаҳои алоҳида зарур аст. Дуюм, дар миқёси минтақа истифодабарии он услубе, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти захираҳои меҳнатиро ҳамаҷониба барои таҳлил намудан имконият медиҳад барои арзёбӣ мувофиқи мақсад аст.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Абдуллозаде Н.Р. Формирование инновационной экономики для активизации человеческого капитала в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. Серия: экономическая теория. - Душанбе: Маориф, 2018. -№1. - С.13-21.*
2. *Акрамова З.Б., Солиева М.Қ. Таҳлили ҳолати сармояи инсонӣ ва таъсири он ба фаъолнокии инноватсионии корхонаи соҳаи саноати сабук // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. - №10. Қисми II - С. 112-121.*
3. *Гафарова Е.А., Кантор О.Г. Методы оценки регионального человеческого капитала: обзор подходов // Вестник Самарского государственного экономического университета. - 2018. - № 7 (165). - С. 54-60.*
4. *Забелина О.В., Козлова Т.М., Романюк А.В. Человеческий капитал региона: проблемы сущности, структуры и оценки // Статистика и экономика. - 2013. - № 4. - С. 52-57.*
5. *Котырло Е.С. Человеческий капитал и экономический рост: анализ взаимосвязи для регионов Российского Севера // ЭНСР. 2008. № 3 (42). –С. 52-65.*
6. *Римашевская Н.М. Качество человеческого потенциала в условиях инновационной экономики // Народонаселение. - 2009. - № 3. - С. 16-29.*
7. *Ярушкин Н.Н., Пашкевич А.В. Проблема регионального развития человеческого капитала // Вестник Самарской гуманитарной академии. Серия “Психология”. - 2013. - № 2 (14). - С. 69-77.*


## *REFERENCES:*


1. *Abdullozade N.R. Formation of an Innovative Economy to Activate Human Capital in the Republic of Tajikistan // Economy of Tajikistan. Series: Economic Theory. - Dushanbe: Maorif, 2018. - № 1. - PP. 13-21.*
2. *Akramova Z.B., Solieva M.Q. Analysis of the State of Human Capital and its Impact on the Innovation Activity of Enterprises in the Light Industry Sector // Bulletin of the National University of Tajikistan. Series: Social-Economic and Social Sciences. - Dushanbe, 2023. - № 10, Part II. - PP. 112-121.*
3. *Gafarova E.A., Kantor O.G. Methods for Assessing Regional Human Capital: a review of approaches // Bulletin of Samara State University of Economics. 2018. - № 7 (165). - PP. 54-60.*
4. *Zabelina O.V., Kozlova T.M., Romanyuk A.V. Human Capital of the Region: problems of essence, structure, and evaluation // Statistics and Economics. 2013. - № 4. - PP. 52-57.*
5. *Kotyrlo E.S. Human Capital and Economic Growth: analysis of the relationship for regions of the Russian North. // ENSR. 2008. No. 3 (42). -PP. 52-65.*
6. *Rimashevskaya N.M. The Quality of Human Potential in the Context of an Innovative Economy // Population. 2009. - № 3. - PP. 16-29.*
7. *Yarushkin N.N., Pashkevich A.V. The Problem of Regional Development of Human Capital // Bulletin of the Samara Humanitarian Academy. Series: Psychology. 2013. - № 2 (14). - PP. 69-77.*